# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи диссертатсионии Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович таҳти унвони «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов» (ҷанбаи лингвистӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – 25 с.**

Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон омӯзишу баррасии истилоҳоти забони тоҷикӣ ба даврони нави худ ворид гардид. Тавассути таҳқиқоту пажуҳишҳои муҳаққиқон М.Қосимова, Д.Саймиддинов, С.Назарзода, М.Султон, Т.Шокиров, Ш.Ҳайитова ва дигарон истилоҳоти соҳаҳои мухталифи илм мавриди хулосабарорӣ қарор гирифтанд. Дар заминаи пажуҳишҳои мазкур унвонҷӯ Н. Ҳусанбоев низ кӯшидааст, ки дар заминаи маводи осори тиббии Ҳомидҷон Зоҳидов вижагиҳои сохториву маъноии истилоҳоти тиббии забони тоҷикиро ба риштаи таҳлил гирифтааст.

Сохтори рисолаи диссертатсионии Н. Ҳусанбоев мураккаб нест ва аз муқаддима, се боб, ки фарогири чандин фасл аст ва хулоса фароҳам омада, яке дигареро такмил додаанд.

Дар муқаддима муаллиф мақсаду вазифа ва зарурати таҳқиқи мавзуъро бо таҳлили адабиёти илмӣ асоснок намуда, мақсад ва вазифаҳои муҳаққиқ муайян ва масоили матраҳшаванда мушаххас гардидаанд.

Боби аввал - «Масъалаҳои назариявию амалии истилоҳнигорӣ ва хусусиятҳои сохтории истилоҳоти тибби суннатии халқи тоҷик» аз ду фаслу ҳафт зерфасл иборат буда, муаллиф доир ба омӯзиши истилоҳоти илмӣ дар забоншиносии тоҷик (фасли аввал) сухан намуда, дар зерфаслҳои он доир ба манбаъҳои осори тиббии Ҳомидҷон Зоҳидов, сохт ва вижагиҳои «Канзи шифо»-и Ҳомидҷон Зоҳидов ва дар бораи луғати тиббии «Хазинаи тибби қадим» ва сохтору хусусиятҳои он баҳс намудааст.

Фасли дуюми боби якум ба омӯзиши усулҳои истилоҳсозӣ дар «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим»-и Ҳомидҷон Зоҳидов ихтисос дода шудааст. Дар ин фасл муҳаққиқ истилоҳоти осори тиббии Ҳомидҷон Зоҳидовро аз рӯйи сохтор ба сода, сохта, мураккаб ва ибора-истилоҳҳо тасниф намуда, меафзояд, ки: “Дар сохтори истилоҳоти

тиббии «КШ» ва «ХТҚ» роҳҳои зерини калимасози (истилоҳсозӣ)-и забони тоҷикӣ истифода шудаанд: сарфӣ, наҳвию сарфӣ, луғавию наҳвӣ” (с.9)

Боби дуюми рисолаи мавриди тақриз «Таснифоти истилоҳоти тиббии «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим аз рӯйи маъно» унвон гирифта, аз ду фаслу ва ҳашт зерфасл фароҳам омадааст. Дар ин боб муҳаққиқ истилоҳоти тиббии осори Ҳомидҷон Зоҳидовро аз ҷиҳати истифодаи маъно ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд: а) истилоҳоти марбут ба номи бемориҳо; б) истилоҳоти марбут ба номи давоҳо; в) истилоҳоти марбут ба номи кайфияту мизоҷҳо; г) истилоҳоти марбут ба номи аъзои инсон; ғ) истилоҳоти марбут ба номи рутубатҳо ва ахлот; д) истилоҳоти марбут ба роҳҳои табобат; е) истилоҳоти марбут ба номи мавҷудоти муфтхӯр; ё) истилоҳоти марбут ба воҳидҳои ченак ва вазн; ж) истилоҳоти марбут ба номи олот ва зарфҳо барои табобат ва тайёр намудани давоҳо.

Боби сеюми рисола «Истилоҳоти тиббии «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» аз ҷиҳати баромад» унвон гирифта, аз ду фаслу (истилоҳоти аслӣ ва истилоҳоти иқтибосӣ) шаш зерфасл (арабӣ, юнонӣ, туркӣ (ӯзбекӣ), суриёни, ҳиндӣ, муарработ) фароҳам омадааст. Дар ин замина муҳаққиқ ба ин хулоса аст, ки истилоҳоти иқтибосии арабӣ дар «Канзи шифо» серистеъмол буда, бештар барои ифодаи номи бемориҳо, ахлоти бадан, кайфияту мизоҷҳо, номи воҳидҳои вазн истифода гаштаанд.

Дар хулосаи кори мавриди тақриз муҳимтарин бардоштҳои муаллиф натиҷагирӣ шудаанд.

Ба тариқи хулоса метавон гуфт, ки муаллиф дар роҳи таҳқиқи вижагиҳои маъноиву сохторіии истилоҳоти осори тибии Ҳомидҷон Зоҳидов ба мақсадҳои дарпешгузоштаи худ расидааст.

Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ мазмуни рисола ва авторефератро ифода менамоянд.

Дар баробари ин дар автореферати диссертатсия бархе норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда бар манфиати кор хоҳад буд:

1. Вожаи *дирам* чун воҳиди ченак маънидод шудааст, вале маълум нест, ки он ба шакли холис ба маънои воҳиди вазн аст ё худ дар таркиби калимаи мураккаб ба ин маънӣ истиода шудааст.

2. Дар автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои услубӣ (ниг.: с.5, 6), имлоӣ (ниг.: с. 3, 5) ва китобат (ниг:. с. 3, 4, 7) ба назар мерасанд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти баанҷомрасонидаи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович таҳти унвони «Истилоҳоти тиббӣ дар осори Ҳомид Зоҳидов» (ҷанбаи лингвистӣ) мутобиқ ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди таълифи рисолаҳои номзадӣ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз,**
доктори илми филология,
профессори кафедраи таърихи забон
ва типологияи факултети филологияи ДМТ Ҳомидов Д.
08.12.2023.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Дилкушо, бинои 28/1, ҳуҷраи 7
Тел.: (+992) 907-79-82-65; E-mail: homidov65@mail.ru

Имзои профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ, доктори илмҳои филология Д. Р. Ҳомидовро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10. E-mail: info@tnu.tj
«08» декабри 2023.